## ПРОТОКОЛИ №67-ИҲ

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 9 июни соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумњурии Тољикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқгардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Каримова И.Х., аъзои комиссия Раҳимзода Х. ва Гулмадов Ф. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;
- Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсия 13 сентябри соли 2025, соати 9:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Б.

*“Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам”*

Нозири кадр ва коргузории АТТ — М. Саидова

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН * РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА